**Хулосаи аудитории мустақил**

1. Аз ҷониби мо аудити ҳисоботи молиявии замимашудаи Хазинаи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ, ки аз тавозуни муҳосибавӣ ба санаи 31 декабри соли 2012, ҳисобот оиди фоида ва зарар, ҳисобот оиди гардиши воситаҳои пулӣ ва ҳисобот оиди тағйироти сармояи худии солона, ки дар таърихи қайдшуда ба охир расонидааст, инчунин тавсифи мухтасари унсурҳои асосии сиёсати баҳисобгирӣ ва дигар эзоҳоти шарҳдиҳанда иборат аст, гузаронида шуд.

   Барои омодакунӣ ва пешниҳоди одилонаи ҳисоботи молиявии мазкур роҳбарияти Хазинаи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ масъулият бардуш дорад. Ҳамин масъулият чунин амалҳоро дар бар мегирад: коркард, нигоҳ доштани усули назорати дохилӣ, ки аз омодакунӣ ва пешниҳоди одилонаи ҳисоботи молиявӣ алоқаманд буда, таҳрифҳои муҳиме, ки аз қаллобӣ ва хатогиҳо, интихоб ва амалигардонии сиёсати баҳисобгирии мувофиқ ва асоснокии баҳои ҳисобшаванда вобаста аст, бояд вуҷуд надошта бошад.

   Вазифаи мо аз иброзу ақидаҳо оиди ҳисоботи молиявии мазкур дар асоси аудити гузаронидашуда мебошад.

2. Аудит иҷрокунии тартиби муқарраршуда барои ба даст овардани далелҳои аудиторӣ дар ҳисоботи молиявии замимагардида маълумотҳои рақамии тасдиқшударо дар бар мегирад. Тартибҳои интихобшуда аз мулоҳизаҳои аудитор вобаста аст, аз ҷумла баҳодиҳии хавфҳои таҳрифҳои муҳим дар ҳисоботи молиявие, ки аз қаллобӣ ё хатогиҳо роҳ дода шудааст. Ҳангоми баҳодиҳии хавфҳои мазкур бо мақсади таҳия намудани тартиби аудиторӣ, ки дар ҳолатҳои муайян мавриди амал мебошад, аммо на барои мақсади изҳор намудани мулоҳизаҳо оид ба натиҷабахшии аудити дохилӣ, аудитор усули назорати дохилиро, ки аз омода ва одилона пешниҳод намудани ҳисоботи молиявии корхона вобаста аст, мавриди омӯзиш қарор мегирад. Аудит инчунин баҳодиҳии қобили қабул будани иродаи сиёсати ҳисоботии татбиқгардида, ки бо роҳбарият таҳия гардидааст, инчунин баҳодиҳии тасаввуроти умумии ҳисоботи молиявиро дар бар мегирад.

   Мо аудитро мутобиқи Стандартҳои байналмилалии аудиторӣ гузаронидем. Ин стандартҳо моро ба иҷро намудани талаботҳои одоб водор сохта, инчунин талаб мекунанд, ки бояд аудитро тарзе ба нақша гирифта гузаронем, то дар бораи ҷой надоштани ҳеҷ гуна тахрифот дар ҳисоботи санҷидашудаи Хазинаи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ, ва дигар ҳуҷҷатҳои мавриди санҷиш қарордошта эътимоди комил таъмин карда шавад. Аудит иҷроиши маросимҳоро барои дастраси далелҳои аудиторӣ оиди маблағ ва ошкоркунии ахборот дар ҳисоботи молиявӣ дарбар мегирад. Маросимҳои интихобшуда аз андешаронии аудитор, аз ҷумла оиди баҳодиҳии хавфи тахрифоти муҳимро дар ҳисоботи молиявӣ, ки натиҷаи қаллобӣ ва иштибоҳ мебошад, вобаста аст.

   Ба андешаи мо далелҳои аудитории бадастовардашуда барои пешниҳоди асос оиди ибрози ақидаи аудитории мо кифоя ва мувофиқ мебошанд.

3. Аз рӯи мулоҳизаи мо, ҳисоботи молиявии замимашуда ҳолати молиявии Хазинаи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеиро вазъиятан ба 31 декабри соли 2012-ум, ки натиҷаҳои фаъолияти молиявӣ - хоҷагидории он ва гардиши воситаҳои пулиро дар давоми соле, ки дар санаи дарҷёфта, мутобиқи усулҳои ҳисоботии бақайдгирифташудаи Хазина, одилона тибқи СБХМ омода шудааст.

**ЧДММ «Аудитории Ш. Адолат»**
«30» январи соли 2013-ум
ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Директор** **Д. Хомушов**